**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи беруна ба диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ)**

Мавзӯи интихобнамудаи Носирова М.Н. тахти унвони “Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” -ро яке аз мавзӯъҳои актуалӣ ҳисобидан мумкин аст, зеро вай диққати мутафаккирони тамоми давраҳои таърихи рушди фарҳанги ҷаҳонро ҷалб кардааст. Бо суханони дигар, корҳои касбинтихобкунӣ сохторан бояд вазъи иқтисодии мамлакатро инъикос кунад. Дар баробари ин кор бояд тарбияи иқтисодӣ низ амалӣ гардад. Ҳангоми иҷрои амалҳои меҳнатӣ ва идоракунии равандҳои технологии истеҳсолоти муосир мактабиён ташкили самарабахши меҳнат, харҷи сарфакоронаи сарватҳои моддӣ, истифодаи самарабахши вақти корро ёд мегиранд, маънои ҳақиқии чунин категорияҳои иқтисодӣ, аз қабили ҳосилнокии меҳнат, арзиши аслии маҳсулотро азхуд мекунанд, бо шаклҳои пардохти музди меҳнат шинос мешаванд ва ғайра. Ҳамаи ин ба интихоби бошууронаи касб мусоидат мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръати мамлакатро ҳадафи чоруми стратегӣ эълон намуданд. Ин дастури Пешвои миллат оқилонаю саривақтӣ буда, барои рушди иқтисодиёти миллӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷои кору маоши муносиб, ғанигардонии буҷети давлат ва рақобатпазир намудани иқтисоди миллӣ дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Дар мамлакати мо барои интихоби озодона ва бошууронаи касб ҳамаи имкониятҳо ба вуҷуд оварда шудаанд. Бинобар ин дар кори диссертатсионии пешниҳодшаванда сохтор, мундариҷа, шаклу методҳои корҳои касбинтихобкунӣ бо хонандагони синфҳои I-XI дар раванди таълим, вақте ки онҳо на танҳо салоҳиятҳои дахлдор ба даст меоранд, балки шавқу рағбат ва қобилиятҳои касбиро инкишоф медиҳанд ва, аз ҳама муҳиммаш, коршоямии худро ба ин ё он навъи фаъолияти меҳнатӣ амалан месанҷанд, мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Зарурати коркарди сохтор, мундариҷа, шаклу методҳои ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар раванди таълим аз он бармеояд, ки алҳол аксари омӯзгорон имкониятҳои зиёди фанни худро барои омодасозии хонандагон барои худмуайянкунии касбӣ ба қадри кофӣ истифода намебаранд. Дар ҳоле ки маҳз ҳамин дарсҳо дар мактаб имкониятҳои

зарурии ошкор намудан, ташаккул ва инкишоф додани сифатҳои муҳимтарини касбии шахсиятро дар ихтиёр доранд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки диссертант Носирова М.Н. бобҳоро дар алоҳидагӣ бо маълумоти мухтасар оварда, дар охир бо овардани нуқтаи назари худ онҳоро ҷамъбаст намудаанд.

Боис ба зикр аст, ки мундариҷаи асосии диссертатсия дар 12 асари илмӣ, аз ҷумла: 6-мақолаи илмие, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА, 1-китоби дарсӣ, инчунин 2-мақолаи илмие, ки дар нашрияҳои маводҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп шудаанд, инъикос гардидааст.

Дар асоси стандартҳо ва талаботҳои Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон автореферати мазкур таълиф шуда, таҳқиқоте, ки аз тарафи Носирова Машҳура Негматовна рӯи кор омадааст, аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ зарурӣ арзёбӣ гардида, баҳри рушд ва нумӯи илми педагогикаи муосир саҳми босазое хоҳад гузошт.

Ҷоиз ба қайд аст, ки автореферати диссертатсияи Носирова М.Н. таҳти унвони "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳқиқоти ба анҷом расонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯ ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ) арзанда ҳисобида мешавад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи забони давлатӣ ва ҷомеашиносии
ДПДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ
дар шаҳри Хуҷанд Темирова Х.И.

"Имзои Темирова Х.И.-ро тасдиқ менамоям"
Мудири шӯъбаи кадрҳои ДПДТТ
ба номи академик М.С. Осимӣ Ёқубова М.А.
дар шаҳри Хуҷанд